# 226282 - Агар марди насронӣ ва зани мусалмон дар интихобот рақобат кунанд, ман ба кӣ бояд овоз дод?

**савол**

Интихоботи умумӣ дар ин ҷо дар Нигерия баргузор хоҳад шуд. Ман чанд савол дорам:

Оё ман метавонам ба як марди масеҳӣ овоз бидиҳам, агар ман боварӣ дошта бошам, ки ӯ қодир аст барои ҳама одамон фоида ва кор бикунад? Дар мавриди овоздиҳӣ ба як зани мусалмон барои ҳоким (фармондор) шудан чӣ? Фатвои шуморо хондаам, ки занон наметавонанд дар мансабҳои раҳбарӣ кор кунанд.

Агар интихоб байни марди насронӣ ва зани мусалмон бошад, ман ба кӣ бояд овоз бидиҳам?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ ва дуруду паём ба расулуллоҳ ва баъд:

**Аввал:**

Агар ҳамаи номзадҳо ғайримусалмон бошанд, барои мусалмон ҷоиз аст, ки ба кофире овоз бидиҳад, ки бадияш камтар ва барои кишвару мардум фоиданоктар аст.

Ба ҷавоби саволи (3062) руҷӯъ карда шавад.

Аммо агар дар байни номзадҳо мард ё зани мусалмон вуҷуд дошта бошад, ба кофир овоз додан мутлақан ҷоиз нест.

**Дувум:**

Асос ин аст, ки барои занон ҷоиз нест, ки худро ба мансабҳои роҳбарикунанда пешбарӣ кунанд ва ба онҳо овоз додан ҳам манъ аст. Аммо агар интихоб миёни овоз додан ба зани мусалмон ё марди кофир бошад, пас ҳеҷ шакке нест, ки зани мусалмон бар марди

ғайримусалмон бартарӣ дорад.

Мо ин саволро ба Шайхамон Абдурраҳмон Ал-Баррок (Аллоҳ таъоло ӯро ҳифз кунад) пешниҳод кардем, ӯ чунин посух дод:

"Дар ин ҳолат, ба хотири ҳурмату эҳтироми номи Ислом ба зани мусалмон бояд авлавият дода шавад, зеро мафсадаи он камтар аст".

Аллоҳ донотар аст.